# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи Латифзода Насиба Мирзоёқуб дар мавзуи "Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик" дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи номзадии Латифзода Насиба Мирзоёқуб дар мавзуи "Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик" дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 аз 7.08.2026, суратмаҷлиси №1 дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст:

1. Қурбонзода Хоналӣ - узви шуро, доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), раиси комиссия;

2. Убайдулло Насрулло Каримзода - доктори илмҳои таърих, профессори Институти таърих, археология ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ аз рӯйи ихтисоси 6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, узви комиссия;

3. Абдулзода З.Н. - узви шуро, номзади илмҳои таърих, дотсент аз рӯйи ихтисоси 6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, узви комиссия.

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсионии Латифзода Насиба Мирзоёқуб - ро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дода, ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Диссертатсияи Латифзода Насиба Мирзоёқуб ба омӯзиши яке аз сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ, ки то кунун ба тариқи маҷмуӣ «Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик, таҳқиқи ҳамаҷониба нашудааст, бахшида шуда, дар он масъалаи омӯзиши асари Муллониёзи Қӯқандӣ «Таърихи Шоҳрухӣ» - ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик мавриди таҳлили илмӣ қарор ёфтааст, ки аҳаммияти илмӣ дорад.

Аз ин ру, таҳқиқи мавзуи мазкур барои истифодабарӣ дар интихоби Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва дар самти баланд бардоштани омӯзиши таърихи халқи тоҷик хизмат намояд. Лозим ба зикр аст, ки таҳқиқоти мазкур то имруз дар таърихнигории ватанӣ оид ба масъалаи Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик тадқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин кушиш мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферат он ба соҳаи ихтисоси ихтисоси 6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои тахқиқоти таърихӣ мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ мутобиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати модият ва мазмун ба шиносномаи рӯи ихтисоси 6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои тахқиқоти таърихӣ мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқикот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо карори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдик шудааст, мутобиқ мебошад.

Натиҷаҳои тахққиқоти диссертатсионӣ дар 9 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, 6 адади онро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ба чопрасида ташкил медиҳад.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашррасидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Аз теъдоди таълифоти довталаб бармеояд, ки талаботи банди 35 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловахо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба нашри натиҷаҳои диссертатсия риоя гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф асоснокнамоии назариявӣ-методологӣ ва санҷишиву таҷрибавии истифодаи васеи мавод, дар тайёр намудани бакалаврҳои ихтисосҳои фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии ба даст овардашударо муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисолаҳо таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба тадқиқоти диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

Хулосахо ва натиҷагириҳои унвонҷу асоснок буда, ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу аст.

Автореферат мазмуну мӯҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки Латифзода Насиба Мирзоёкуб дар мавзуи “Таърихи Шоҳрухӣ» -и Муллониёзи Қӯқандӣ

– ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик” барои ихтисоси 6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ кори таххикотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад ва онро барои ихтисоси 6.1.5-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи Латифзода Насиба Мирзоёқуб дар мавзуи “Таърихи Шоҳрухӣ» - и Муллониёзи Қӯқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ таҳлил ва муҳокима намуда, дар асоси бандҳои 57-60-и Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсиони (Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267)

ҚАРОР МЕНАМОЯД:

1. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия фарогири бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисоси 6.1.5-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад. Диссертатсия ба самти шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-мувофиқ буда, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ навгонии илмӣ махсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ мутобик, бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд. Ба рушд додани таълими фанҳои таърих ва таърихнигорӣ, ки дар ҷумҳурӣ мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, мусоидат менамоянд.

3. Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур муҳаққиқони зерини соҳа таъйин карда шаванд:

- Сайдалӣ Раҷабович Муҳиддинов – доктори илмҳои таърих, – профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон

- Абдукаримов Ҷамолиддин - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ “Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”.

4. Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ» тавсия дода шавад.

5. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру паҳнкунии автореферат, гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссиям экспертӣ**:
доктори илмҳои таърих Қурбонзода Х.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор Убайдулло Н.К.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои таърих, и.в., дотсент Абдулзода З.Н.

*Имзоҳои д.и.т., Қурбонзода Х., д.и.т., Убайдулло Н.К., н.и.т., Абдулзода З.Н-ро тасдиқ менамоям:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.
«21» 08 соли 2026